## Тақриз

**Ба автореферати диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар замони муосир, ҳалли масъалаҳои муошırати байнифарҳангӣ ва, бахусус, масъалаҳои марбут ба мубодилаю бархурди фарҳангҳо бо якдигар, ки дар тағйири тасвири забонии қавму миллатҳо ва халқиятҳои гуногун нақши муайянро бозӣ мекунанд, яке аз мавзуи муҳимми забоншиносии муосир, хусусан, забоншиносии фарҳангӣ, қавмӣ, шинохтӣ ва равонӣ маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти диссертатсионии ба тақриз пешниҳодгашта асосан ба таҳлилу баррасии соматизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабонон (тоҷикон ва англисзабонҳо) бахшида шудааст.

Чӣ тавре, ки аз автореферат бармеояд, мақсади диссертатсия таҳлили муқоисавии воситаҳои луғавию наҳвии ифодаи категорияи одоб дар муоширати намояндагони ҷомеаи англисӣ ва тоҷикӣ ҷиҳати муайян намудани умумият ва хусусияти онҳо ва таҳқиқи ҳусни тарҷумаи онҳо дар мисоли забонҳои мавриди назар мебошад.

Объекти таҳқиқи кори диссертатсионӣ муқоисаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо мебошад.

Мавзуи таҳқиқотро таҳлил ва муқоисаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он фаро мегирад

Бори нахуст пажуҳиши муқоисавии вижагиҳои соматизмҳо дар тасвири забонии тоҷикон ва англисзабонҳо бар мабнои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он анҷом дода шуд.

Дар диссертатсия бори нахуст аз нуктаи назари забоншиносии муқоисавӣ тарҷумаи англисии соматизмҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ аз диди илми тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ таҳлил ва мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, ба таври системавӣ ва оморӣ соматизмҳое, ки дар «Гулистон»-и С. Шерозӣ истифода шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои тарҷумавӣ, фарҳангӣ ва равонии онҳо ошкор карда шуданд. Инчунин, мавқеи соматизмҳо дар таркиби воҳидҳои

фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ таҳқиқ шуда, равишу усулҳои тарҷумаи онҳо арзёбӣ гардиданд. Дар баробари ин, тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо дар асоси соматимзҳо муқоиса гардида, хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳо ошкор карда шуданд.

Рисолаи илмӣ аз рӯйхати ихтисораҳо, мукаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар боби якум муаллифи роҷеъ масъалаҳои назариявии тарҷумаи асарҳои бадеӣ ва таҳқиқи соматизмҳо дар матнҳои онро ҳаллу фасл намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои берунии инсон дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ» номгузорӣ шудааст. Дар асоси соматизми «сар» инчунин шаклҳои луғавии дигар низ сохта шудааст. Дар боби мазкур соматизми "сар" бештар дар атореферат ба чашм мерасад, ки хело ҷолиб баррасӣ шудааст. Аз ҷумла: «саркашӣ», «сару рӯй», «сари сулҳ», «сари хок», «сари зулф», «сари ганҷ», «сари иштиҳо», «саркуфт» «сари хам», «хирасар», «сари ҷамъ»- барин вожаву ибораҳоро истифода намудааст, ки аз ин миқдор дар чаҳор ҳолат- «сархамӣ», «саркуфт», «саркашӣ», «хирасар» ифодакунандаи ҳолати манфии руҳӣ буда, «сари ганҷ», «сари иштиҳо», «сари сулҳ», «сари ҷамъ» ифодакунандаи ҳолати мусбӣ мебошанд. Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ соматизмҳо бештар дар воҳидҳои фразеологии таркиби асрҳои бадеӣ истифода мешаванд. Аслан асари бадеие вуҷуд надорад, ки дар онҳо соматизмҳо ба назар нарасанд. Соматизм барои ифодаи фикр дар асари бадеӣ кумак мекунад. Саъдии Шерозӣ низ дар ин асари панду ахлоқии хеш аз соматизмҳо фаровон истифода намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои дохилии инсон ва зоосоматизмҳо дар «Гулистон»- и Саъдии Шерозӣ» ном дорад, ки аз се фасл ва зерфаслҳо мураттаб шудааст. Фасли аввал ба баррасии мухтассари мавзуъ бахшида шуда, дар фасли дуюм «Соматизмҳои ифодакунандаи узвҳои дарунӣ» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Фасли сеюми боби сеюм «Зоосоматизмҳо» ном дорад. Дар фасли мазкур соматизмҳои мансуб ба ҳайвон мавриди таҳлил қарор мегирад. Боиси қайд аст, ки дар «Гулистон» Шайх Саъдӣ дар баробари соматизмҳои мансуб ба инсон, инчунин, соматизмҳои мансуб ба ҳайвон, яъне зоосоматизмҳоро низ истифода намудааст.

Натиҷаҳои аз омӯзишу таҳқиқоти аз диссертатсионӣ ба дастомадаро муаллиф дар 13 банд хулосабарорӣ намудааст, ки ин хело хуб мебошад.

Доир ба мавзуи диссертант 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба чоп расонидааст.

Бо вуҷуди комёбиҳои назаррас дар автореферати диссертатсия баъзе камбудихо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Дар диссертатсия хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.
2. Баъзе аз калимаҳо дар шакли адабӣ оварда нашудаанд.

Муаллифи диссертатсияи мазкур **Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)»,** ҳамчун мутахассиси хуб камолёфта худро нишон додааст ва рисола ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва диссертант сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ аст.

**Муқарриз :**
номзади илми филология,
ходими калони шуъбаи забони Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Қодирова Салтанат
Абдуллоевна

Имзои номзади илми филология, ходими калони шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон С.А.Қодироваро
тасдиқ менамоям
Нозири калон кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Нарзиқулова Ҳилола

**Нишонӣ:** ш. Душанбе, 734025, хиёбони Рӯдакӣ, 21
E:mail: iza.rudaki@gmail.com.
Тел +992-900-92-02-43